**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дар мавзуи "Расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара" (солҳои 1924-2024) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърих ва бостоншиносӣ (07.00.07 - Мардумшиносӣ, этнология ва антропология)**

Бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ фарҳангу анъанаҳои гузаштаи халқи тоҷик, иду ҷашнҳо ва дар маҷмуъ арзишҳои миллӣ бо дастгириҳои ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон эҳё гардид. Ин раванд ба рушди давлатдории миллӣ таъсири мусбӣ расонда, миллати тоҷик марҳила ба марҳила аз гузаштаву арзишҳои фарҳангии хеш, анъанаву маросимҳо ва иду ҷашнҳои ниёгони худ воқиф гардид.

Муҳиммияти омӯзиш ва таҳқиқи рисолаи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дар он зоҳир меёбад, ки дар гузаштаи таърих марзи имрӯзаи ноҳияи Данғара серсокин буду шаҳри "чорсӯ"-ро мемонд, аз байни он ба чор тараф роҳҳои корвонгузар мегузашт. Ҳоло ҳам ин ноҳия яке аз ноҳияҳои калону сернуфӯзи вилояти Хатлон ба ҳисоб рафта, дорои анъанаҳои фарҳангию иҷтимоӣ ва адабии ба худ хос мебошад. Дар давраи соҳибистиқлолӣ он ба яке аз марказҳои фарҳангию иқтисодии минтақаи Кӯлоб табдил ёфта, ҳарсола аҳолии он бо тарзи механикӣ тез зиёд гашта истодааст. Бо ризоияти ҳукумати марказӣ ба даштҳои Данғара аз бахши ноҳияҳои кӯҳистони Дарвоз, Нуробод ва дигар минтақаҳои Тоҷикистон мардумони бо урфу одати хос кӯчидаанд, ки метавонанд дар урфу одат ва фарҳанги мардумони маҳаллӣ омезиш ворид намоянд. Бинобар ин, омӯзиши ҷанбаҳои мардумшиносӣ ва фарҳангшиносӣ чунин як ноҳияи калони ҷумҳурӣ барои мукаммал гаштани таъриху фарҳанги кишвар аз аҳаммият холӣ нест.

Омӯзиши урфу одатҳо ва хусусиятҳои таърихиву фарҳангии маҳаллиёни ҳар як минтақаи ҷумҳурӣ мубрам аст. Зеро метавон дар рафти он ҷанбаъҳои таърихӣ, фарҳангӣ, табиӣ ва дигар масъалаҳои норавшани кишварро таҳқиқ намуда, роҳҳо ва воситаҳои инкишофи ҳаёти иҷтимоии Тоҷикистонро таъмин ва таъриху тамаддуни қадимаи миллати тоҷикро ба ҷаҳониён муаррифӣ

намуд. Аз ин лиҳоз, омӯзиш ва таҳқиқи он дар шароити имрӯза барои доираҳои илмӣ ва махсусан илми мардумшиносӣ аҳаммияти махсус доранд. Аз автореферати диссертатсияи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин маълум мегардад, ки ҳамаи инро диссертант ба назар гирифта, оид ба расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара (солҳои 1924-2024) маводҳои зиёдро мавриди омӯзиш қарор дода, тадқиқоти мукаммали илмиро ба анҷом расонидааст.

Дараҷаи таҳқиқоти омӯзиши мавзуъ ба талабот мувофиқ буда, муаллиф раванди рушди ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Данғараро бо истифода аз манбаъҳои боэътимод ва осори муҳаққиқони гуногун баррасӣ ва мавриди таҳлили илмӣ қарор дода, ба хулосаҳои зарурӣ омадааст.

Мақсади таҳқиқоти рисола мавриди омӯзиш қарор додани расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ, ки замоне байни мардум бисёр маъмулу оммавӣ буданду имрӯз аз онҳо осори кам боқӣ монда, қисмате аз онҳо ба гӯшаи фаромӯшӣ рафта истодааст мебошад, ки аз тарафи муаллиф таҳлилӯ таҳқиқи илмии худро пайдо намудаанд.

Аҳаммияти дигари мавзуи таҳқиқшаванда дар он аст, ки муаллиф робита ва пайванди иҷтимоию фарҳангии мардуми ноҳияи Данғараро бо дигар минтақаҳои Тоҷикистон аз нигоҳи мардумшиносӣ муфассал таҳлил намуда, ҳамгироии онҳоро дар сад соли охир баррасӣ намудааст. Дар ин раванд назари нав ба таърихи садсоли охир, бурду бохти ин марҳилаи таърихӣ аз нигоҳи мардумшиносӣ, инъикоси дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ мақоми меҳварӣ пайдо намуданд. Мавзӯи мавриди таҳқиқоти илмии мазкур, ки ба омӯзиш ва таҳқиқи расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумии яке аз ноҳияҳои калонтарини вилояти Хатлон - ноҳияи Данғара равона шудааст, маҳз дар ҳамин замина ба миён омадааст.

Аз автореферати рисола маълум мегардад ки ҳамчунин, таҳқиқи ҷуғрофиёи ноҳия, рушди он дар замони шуравӣ ва таҳаввулоти ҷиддии иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии он дар давраи соҳибистиқлолӣ нишон дода шудааст. Аз ин лиҳоз

диссертант мубрамияти мавзуи таҳқиқро дар автореферати рисола хуб, фаҳмо ва бо нуктаҳои ҷолиб иброз намудааст.

Дар автореферат усули таҳқиқи рисола бо такя ба сарчашмаҳои бойгонӣ, оморҳои расмӣ, таҳлилҳои муқоисавӣ ва суҳбатҳои рӯ ба рӯ бо сокинони ноҳия баҳри дар амал татбиқ намудани натиҷаи судманди он дар рушди Ҷумҳурӣ, аз ҷумла ноҳияи Данғара, ки аз тарафи муаллиф риоя шудааст, мавриди назар гаштааст. Муаллиф кӯшидааст, ки аз натиҷаҳои хеш дар илми мардумшиносии ҷумҳурӣ саҳм гузошта, онро ғанӣ гардонад.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар таърихнигории ватанӣ мавзуи марбут ба расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара, дар сад соли охир ба таври системавӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шудааст. Натиҷаи ин пажӯҳиш дар хулосаҳои диссертант, ки дар автореферат омадааст, таҷассум ёфтаанд.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои баёнёфта дар диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки муҳаққиқ ҳангоми анҷоми таҳқиқот ба маҷмӯи васеи сарчашмаҳо, такя намудааст. Он дар таҳлили суҳбатҳо, дақиқияти маълумотҳо, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ гардида, дар автореферат оварда шудааст.

Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили натиҷаи таҳқиқоти назариявию амалӣ пешниҳод гардидаанд. Муаллиф на танҳо ба ҷамъоварии иттилоот, балки таҳлили муқоисавӣ, робитасанҷӣ ва баррасии динамикии тағйиротро дар ду марҳалаи таърихӣ (давраи шуравӣ ва замони истиқлол) амалӣ намудааст, ки ин асоси методологӣ ва илмии хулосаҳои пешниҳодшударо пурзӯр менамояд.

Пайванд додани маълумоти оморӣ бо таҳлили вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ноҳия имкон медиҳад, ки тавсияҳои пешниҳодшуда на танҳо тавсифӣ, балки сифатан таҳлил ёфта, амалан татбиқшаванда бошанд. Ин ҳама нишон медиҳад, ки рисола дорои арзиши мантиқӣ, далелӣ ва амалии хулосаҳо

буда, метавонад ҳамчун асоси таҳлилии минбаъда барои баррасии таҷрибаи рушди минтақаҳо ва татбиқи барномаҳои давлатӣ истифода шавад.

Ҳамин тавр, дар автореферат муҳтавои рисолаи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дар мавзуи “Расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара” (солҳои 1924-2024) ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Данғара дар сад соли охир (солҳои 1924-2024) таҳлилу таҳқиқи илмӣ гардида, роҷеъ ба расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара ва нақши онҳо дар баланд бардоштани ҳаёти моддию маънавии аҳолӣ маълумот дода шудааст.

Омӯзиши автореферати мазкур нишон медиҳад, ки объект, предмет, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот бо навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мувофиқат менамояд.

Автореферат бо усули академӣ ва бо талаботи навишти автореферати диссертатсияи номзадӣ омода гардидааст. Мазмун, мундариҷа, сохтор ва дигар қисматҳои автореферат ба талабот ҷавобгӯ буда, мазмуни диссертатсияро инъикос менамояд.

Дар баробари ин автореферат аз баъзе камбудиҳо низ орӣ набуда, дар баъзе мавридҳо хатоҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд.

Хулоса автореферати диссертатсияи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дар мавзуи “Расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара” (солҳои 1924-2024) ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - илмҳои таърих ва бостоншиносӣ (07.00.07 - мардумшиносӣ, этнология ва антропология) мебошад.

**Муқарриз: номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи фалсафа ва фанҳои гуманитарии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Тоҷев Ф.Н.**

**Имзои н.и.т., дотсент Тоҷев Ф.Н. -ро тасдиқ мекунам: сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси АИДнПҶТ** **н.и.п., Насурдинзода А.И.**

РАЁСАТИ КАДРҲО, КОРГУЗОРӢ ВА КОРҲОИ МАХСУС
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ, ДЕЛОПРОИЗВОДСТВА И СПЕЦЧАСТИ

28.11.2025